Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 –Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Имруз муносибатҳои истифодабарии замин асоси ташаккули муносибатҳои истеҳсолиро ташкил дода, тамоюлҳои тараққиёти иқтисодиёти ҷамъият ва сатҳи таъмини амнияти озуқавориро муайян менамояд. Давлат вазифаҳои муҳофизати идоракунии истеъмол ва истифодаи сарватҳои табииро ба амал бароварда, кӯшиш менамояд, ки дар меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ қоидаҳои қатъии истифодаи замин, аз ҷумла, ташаккули консепсия ва принсипҳои асосии истифодаи оқилонаи онро барои таъмини амнияти озуқаворӣ муқаррар намояд. Шароити муосир пайваста бо афзудани нуфузи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулоти озуқаворӣ, аз як тараф баръало ҳис шудани маҳдудияти захираҳои заминҳои кишоварзӣ масъалаи истифодаи оқилонаву самараноки он бо шарҳи васеи ин мафҳумҳо мубрамият пайдо мекунад.

Ташаккули низомии оқилонаи муносибатҳои истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси муайян кардан ва асосноккунии илмии механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ имконпазир аст, ки равшан кардани мафҳумҳо ва мундариҷаи унсурҳои алоҳидаи онҳоро талаб мекунанд. Баҳснок будани масъалаҳо, аҳаммиятнокӣ ва нокифоягии будани муаммоҳои дар боло зикргардида, мавзуъ ва объекти таҳқиқотро ташкил дода, интихоби мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсияро муайян намудаанд.

Мақсади асосии тадқиқот таҳияи консепсияи ташаккули системаи самараноки идоракунии муносибатҳои замин дар шароити муосир, инчунин аз механизми ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи давлат иборат мебошад.

Вобаста ба мақсадҳои гузошташуда ҳамчун объекти таҳқиқот фонди замин, ҳамчун объекти идоракунӣ, механизми ташкиливу иқтисодӣ

идоракунии заминҳои кишоварзӣ интихоб гардида, мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ, идоракунӣ вобаста ба истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки кафолати таъмини амнияти озуқаврии мамлакат ва минтақаҳои онро муайян менамояд, ташкил додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии муаллиф ҷамъбаст гардидаанд.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, хуб мешуд, ки ҷиҳати такмили он принсипҳои "иқтисодиёти сабз" низ ба инобат гирифта мешуданд. Ин таманниёт камбудии ҷузъӣ буда, арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» нишон дод, ки он дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Д.и.и., дотсент, ректори МД "Донишкадаи байналмилалии Данғара"-и МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Сафозода Абдулмаҷид Карим**

30.07.25

*Имзои А.К. Сафозодаро тасдиқ мекунам:*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

*Суроға:*
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 907733247;
WhatsApp : (+992) 907733247
Нишона: ноҳияи Данғара, кӯчаи Исмат Шариф 3.